**Тақризи муқарризи расмӣ**
**ба диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 Мардумшиносӣ, этнология ва антропология). - Душанбе, 2025. - 200 саҳ.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши урфу одатҳо ва хусусиятҳои таърихиву фарҳангии маҳаллиёни ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ зарур аст. Зеро метавон дар рафти он ҷанбаъҳои таърихӣ, фарҳангӣ, табиӣ ва дигар масъалаҳои норавшани кишварро таҳқиқ намуда, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистонро таъмин ва таъриху тамаддуни қадимаи миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва таҳқиқи он дар шароити имрӯза барои доираҳои илмӣ аҳаммияти махсус доранд.

Аз диссертатсияи Садимзода Фатҳиддин Файзиддин маълум мегардад, ки ҳамаи инро ӯ ба назар гирифта, оид ба расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара (солҳои 1924-2024) маводҳои зиёдро мавриди омӯзиш қарор дода, тадқиқоти мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст.

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқи диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки мавзӯи интихобшуда яке аз масъалаҳои муҳими таърихнигории муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зеро он ҷараёни ташаккули як ноҳияи калони ҷумҳурӣ – Данғараро дар ду марҳалаи сарнавиштсоз (замони шӯравӣ ва давраи истиқлол) дар бар мегирад. Дар шароити истиқлолияти давлатӣ омӯзиши таҷрибаи таърихии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро он имкон медиҳад, ки равандҳои рушди миллӣ ва минтақавӣ дар заминаи донишҳои сиёсӣ бо асоси илмӣ таҳлил шаванд.

Дар гузаштаи таърих марзи имрӯзаи ноҳияи Данғара серсокин буду аз байни он ба чор тараф роҳҳои корвонгузар мегузашт. Ҳоло ҳам ин ноҳия яке аз ноҳияҳои калону сернуфӯзи вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта,

дорои анъанаҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва адабии ба худ хос мебошад. Дар давраи соҳибистиқлолӣ он ба яке аз марказҳои фарҳангию иқтисодии минтақаи Кӯлоб табдил ёфта, ҳарсола аҳолии он зиёд гашта истодааст. Вобаста ба пешравии иқтисодиёт ва болоравии иҷтимоиёт аз дигар минтақаҳои Тоҷикистон мардумони бо урфу одати хос ба ноҳияи Данғара кӯчида меоянд, ки метавонанд дар урфу одат ва фарҳанги мардумони маҳаллӣ омезиш ворид намоянд. Бинобар ин, омӯзиши ҷанбаҳои мардумшиносӣ ва фарҳангшиносии чунин як ноҳияи калони ҷумҳурӣ барои мукаммал гаштани таъриху фарҳанги кишвар аз аҳаммият холӣ нест.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия баёнёфта дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ ҳангоми анҷоми таҳқиқот ба маҷмӯи васеи сарчашмаҳо, такя намудааст. Он дар таҳлили суҳбатҳо, дақиқияти маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ гардидаанд.

**Мақсади таҳқиқоти рисола** мавриди омӯзиш қарор додани расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ, ки замоне байни мардум бисёр маъмулу оммавӣ буданду имрӯз аз онҳо осори кам боқӣ монда, қисмате аз онҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ рафта истодааст мебошад, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Аҳаммияти дигари мавзуи таҳқиқшаванда дар он аст, ки муаллиф робита ва пайванди иҷтимоию фарҳангии мардуми ноҳияи Данғараро бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз нигоҳи мардумшиносӣ муфассал таҳлил намуда, ҳамгироии онҳоро дар сад соли охир баррасӣ намудааст. Дар ин раванд назари нав ба таърихи садсоли охир, бурду бохти ин марҳилаи таърихӣ аз нигоҳи мардумшиносӣ, инъикоси дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ мақоми меҳварӣ пайдо намуданд. Мавзӯи мавриди таҳқиқоти мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара равона шудааст, маҳз дар ҳамин замина ба миён омадааст.

Сатҳи коркарди мавзӯъ ва қобилияти диссертант дар муайян намудани ҷанбаҳои таҳқиқталаби он. Муаллиф мавзӯъро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намуда, дар ин раванд сатҳи баланди малакаи таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Диссертант тавонистааст доираи васеи манобеъро дар–усули таҳқиқи рисола истифода намояд. Ӯ бо такя ба сарчашмаҳои бойгонӣ, оморҳои расмӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия бахри дар амал татбиқ намудани натиҷаи судманди он дар рушди Ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Данғара мавриди назар кардааст. Муаллиф кӯшидааст, ки аз натиҷаҳои хеш дар илми мардумшиносии ҷумҳурӣ саҳм гузошта, онро ғанӣ гардонад. Муаллиф хулосаҳои умумии илмӣ ва пешниҳодҳои амалиро рӯи кор овардааст, ки қобилияти мустақилонаи ӯро дар коркарди мавзӯъ собит месозад.

Навгонии илмӣ ва саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таҳқиқи баррасии расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара бахшида шудааст. Инчунин: дар асоси осори илмӣ ҳудудҳои ҷуғрофии ноҳияи Данғара ва таърихи он таҳқиқ гардидаст; таҷлили ҷашни Наврӯз дар ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ мушаххас карда шудаст; ҳаётӣ иҷтимоии сокинони ноҳияи Данғара муайян гардидаст; расму анаъанаҳои таваллуди кӯдак дар асоси мушоҳидаҳо ва мусоҳибаҳо бо сокинони ноҳияи Данғара баён карда шудаст; маросимҳои хурсандӣ ва азодорӣ дар ноҳияи Данғара дар асоси мушоҳидаҳо, мусоҳибаҳо ва осори илмӣ таҳлил гардидаст; варзиши суннатӣ ва бозиҳои мардумии ноҳияи Данғара мавриди баррасӣ қарор ёфтаст; бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ дар ноҳияи Данғара таҳқиқ гардидаанд.

Натиҷаи ин пажӯҳиш дар хулосаҳои диссертант таҷассум ёфтаанд.

Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар интихоби мавзуъ, таҳияи методологияи мушаххаси таҳқиқот, ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили

маълумоти оморӣ, усулҳои баҳодиҳӣ ба онҳо басо назаррас буда, тамоми зинаҳои таҳқиқот бобати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда аз ҷониби ӯ гузаронида шудааст. Муаллиф дар ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти оморӣ, коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии таҳлил, усулҳои баҳодиҳӣ саҳми худро гузоштааст. Хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, дар асоси онҳо мақолаҳои илмӣ омода намуда, рӯйи чоп овардааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо таҳлили суҳбатҳо, дақиқияти маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, номгуи адабиёт (259 номгӯ), замима (расмҳо) иборат буда, дар ҳаҷми 200 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст. Пайвастагии байни қисматҳо дар рисола таъмин шуда, бобҳо таҳлили ҳамаҷониба ёфтаанд.

**Муқаддимаи рисола** яке аз бахшҳои муҳим ва муфассалтарини он буда, асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян мекунад. Дар он зарурати омӯзиши таърихи ноҳияҳо ҳамчун омили таҳкими худшиносии миллӣ асоснок мегардад.

**Боби якуми диссертатсия “Ҷанбаъҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва таҷлили ҷашнҳо дар ноҳияи Данғара”** номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб дар бораи мафҳуми “данғара”, ҷанбаъҳои таърихӣ ва ҷуғрофии ноҳияи Данғара ва ҷашнгирии Наврӯз бо тамоми суннату оинҳои мардумияш таҳқиқоти муфассал анҷом дода шудааст.

**Зербоби якуми боби якум** “Маълумоти мухтасари ҷуғрофӣ ва таърихии ноҳия” унвон дошта, дар он доир ба мавқеъи ҷуғрофӣ, иқлим, ҳудуд, тақсимоти маъмурӣ, омӯзиши таърихи ноҳия аз тарафи

муаррихон, маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, сайёҳони рус, инчунин вазъи имрӯзаи ноҳияи Данғара пажӯҳиш қарор дода шудааст.

**Дар зербоби дуюми боби якум** “Анъанаи ҷашни Наврӯз дар ноҳияи Данғара дар давраҳои шуравӣ ва соиҳбистиқлолӣ” муаллиф дар бораи яке аз ҷашнҳои бузурги миллати тоҷик Наврӯз маълумоти муфассал додааст.

Боби дуюми рисола “Маросимҳои анъанавии мардумӣ дар байни сокинони ноҳияи Данғара” номгузорӣ шудааст. Дар он омадааст, ки ҳар як миллату халқият дорои расму ойин ва суннатҳои ба худ хос мебошанд. Дар таркиби анъанаҳои миллӣ боз суннату ойин ва анъанаҳое вуҷуд доранд, ки хоси маҳал ё минтақаи алоҳида мебошанд ва онҳо бо хусусиятҳои табииву ҷуғрофияшон аз ҳамдигар тафовут доранд. Дар ин боб муаллиф кӯшишдааст, ки перомуни ҷашни хонадоршавӣ ё тӯйи арӯсиву домодӣ, маросимҳои таваллуд, фавт ва дафну азодорӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳад.

Муаллиф дар баробари маъхазу сарчашмаҳои илмӣ аз суҳбати рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳия ва маълумоти додаи онҳо дар ин боб истифода бурдааast.

**Дар зербоби якуми боби дуюм,** ки “Ҷашни арӯсӣ дар ноҳияи Данғара” номгузорӣ шудааст, муаллиф таҳқиқоти арзишмандеро анҷом додааст.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм** “Маросими таваллуд” муаллиф дар бораи расму ойинҳое, ки аз лаҳзаи таваллуди кӯдак то ба бузург шуданаш доир мегардад, маълумоти муфассали илмиро гирдоварӣ намуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Дар раванди омӯзиши “Маросимҳои марбут ба таваллуд” муаллиф аз суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо сокинони ноҳияи Данғара муайян намудааст, ки таваллуди кӯдак, барои ташаккул ёфтани оилаҳои нав дар байни мардуми Данғара мавқеи хосеро доро мебошад. Ӯ ахбори додаи сокинони ноҳияро бо маъхазҳо ва маълумоти илмии олимони

мардумшинос муқоиса намуда, ҷиҳатҳои фарққунандаро оид ба ин бахш муайян намудааст.

**Зербоби сеюми боби дуюм "Расми азодорӣ"** номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки: Марг як ҳодисаи табиӣ бошад ҳам, як умр ҷудо шудан аз фарзандон, падару модар, дӯстон ва хешу табор ниҳоят аламнок аст. Аз ҳамин сабаб марг ва мотам дар давоми асрҳо дар байни халқҳои гуногун як силсила расму оинҳои хоси маросимиро ба вуҷуд овардаанд.

**Боби сеюми рисола "Бозиҳои мардумӣ ва варзиши суннатӣ дар ноҳияи Данғара"** унвон дорад, ки аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат, мавсимӣ ва бозиҳои бачагону наврасони мардуми ноҳияи Данғара мавриди арзёбӣ шудааст.

**Зербоби якуми боби сеюм** "Намудҳои варзиш, бозиҳои серҳаракат ва мавсимӣ" номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор муаллиф намудҳои варзиш ва бозиҳои мардумиро асосан ба ду қисм ҷудо намуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

**Зербоби дуюми боби сеюм** "Бозиҳои бачагону наврасон" номгузорӣ шуда, дар ин қисмати кор муаллиф дар бораи бозиҳое, ки дар миёни бачагону наврасони ноҳияи Данғара вуҷуд доранд, маълумот додааст.

Мувофиқати диссертатсия ба ихтисос. Мавзӯъ, мундариҷа ва хулосаҳои рисола ба ихтисоси 07.00.07 - илмҳои таърих ва бостоншиносӣ (07.00.07 - Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат мекунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи "Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара" (солҳои 1924-2024) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад. Мазмуни автореферат ба диссертатсия мувофиқ буда, муҳтавои умумии

диссертатсияро дар бар мегирад. Диссертант оид ба мавзуи таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ ва 2 китоб нашр намудааст, ки 7 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда ба табъ расидаанд. Мавзӯи мақолаҳо пурра ба муҳтавои рисола мутобиқанд ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки дастовардҳои илмии довталаб, қаблан аз ҷониби ҷомеаи илмӣ муҳокима ва пазируфта шудаанд.

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбии илмӣ ва арзиши амалӣ доштани рисолаи мазкур, баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳои ҷузъӣ дар диссертатсия мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо метавонад сатҳи илмии рисоларо боз ҳам баландтар гардонад:

1. Дар баъзе саҳифаҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

2. Муаллиф дар бахши муқаддима принсипҳои назариявӣ ва методологиро, аз ҷумла таърихият, воқеият, таҳлили муқоисавӣ ва хронологӣ, дуруст ва саривақт муайян кардааст. Бо вуҷуди ин, барои пурратар гардидани таҳлил, дар баъзе мавридҳо тавзеҳи возеҳтар оид ба татбиқи ин усулҳо дар раванди таҳқиқи маводи таърихӣ ва робитаи онҳо бо ҳадафҳои умумии рисола ба манфиати кор мебуд.

3. Муаллиф аз манбаъҳои бойгонӣ, сарчашмаҳо (вобаста ба боби якум), матбуоти даврӣ фаровон истифода кардааст, ки аз заҳмати ҷиддии ӯ дарак медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар баъзе мавридҳо тарзи ишора ба манбаъҳо пурра ба стандартҳои техникии КОА мувофиқ нест. Масалан, дар иқтибосҳо ишораи дақиқ ба рақами бойгонӣ ё соли нашри маводи истифодашуда фоидаовар мебуд.

4. Дар поёни ҳар зербоб муаллиф хулосаҳои мушаххас пешниҳод мекунад, ки аҳамияти амалии хуб доранд. Бо вуҷуди ин, барои баланд бардоштани сатҳи назариявии онҳо хуб мебуд, агар дар баробари тавсифи натиҷаҳо ба таҳлили сабабҳо, омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид.

5. Диссертатсия сад сол (солҳои 1924-2024)-ро фарогир аст, ки ба ду давраи муҳим: замони шуравӣ ва давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Муаллиф онҳоро ҷудогона хуб тавсиф кардааст. Бо вуҷуди ин, давраи шуравӣ бештар иникос ёфтааст. Иловаи ҷадвал ё таҳлили муқоисавии муфассал байни ин ду давра (аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ) метавонист арзиши илмии корро боз ҳам боло барад.

Ин нуктаҳои зикршуда характери тавсиявӣ доранд ва ба мӯҳтавои илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо имконият медиҳанд, ки кори муаллиф дар таҳрири оянда боз ҳам такмил ёбад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин аз лиҳози илмӣ, сохторӣ ва мазмунӣ ҷавобгӯи талаботи КОА буда, кори мустақилона ва арзишманди таҳқиқотӣ мебошад, ки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ барои таърихи навини Тоҷикистон аст.

Хулоса, диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Салимзода Фатҳиддин Файзиддин дар мавзуи “Расму анъанаҳо ва бозиҳои мардумӣ дар ноҳияи Данғара” (солҳои 1924-2024) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.07 Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мебошад.

**Муқарризи расмӣ :**
**дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои таърих** **Сафаров Холмад Хоркашович**

Суроға: 35360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ;
тел.: (833-22) 2-35-06; 992 988622658, факс: (833-22) 2-35-06
почтаи электронӣ: info@kgu.tj, сомонаи интернетӣ: www.kgu.tj

**Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент Х.Х.Сафаровро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Давлатов М.**

РАЁСАТИ КАДРҲО КОРҲОИ МАХСУС

2.12.2025